зеро ӯ ҳеҷ гоҳ нагуфтааст: Парвардигоро рӯзи қиёмат гуноҳони маро биёмӯрз

Аз Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Гуфтам: Эй Расули Аллоҳ! Ибни Ҷудъон дар замони ҷоҳилият силаи раҳм (робитаи хешутаборӣ) бар ҷой меовард ва бар мискинон таъом медод, оё ин амалаш ба ӯ суд дорад? Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Ба ӯ ҳеҷ нафъе надорад, зеро ӯ ҳеҷ гоҳ нагуфтааст: Парвардигоро рӯзи қиёмат гуноҳони маро биёмӯрз"

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар мавриди Абдуллоҳ ибни Ҷудъон, ки пеш аз Ислом яке аз бузургони Қурайш буд ва робитаи хешутабориро ба ҷой меовард ва ба онҳо некӣ мекард, ба бенавоён таом медод ва дигар корҳои нек, ки ислом ба онҳо ташвиқ намудааст, анҷом медод, хабар додааст, ки ин амалҳояш барои ӯ дар рӯзи қиёмат ҳеҷ нафъе нахоҳанд дод, зеро ӯ ба Худованд имон наоварда буд ва боре ҳам нагуфта буд: Парвардигоро дар рӯзи қиёмат гуноҳони маро биёмӯрз.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/65009